# ПРОТОКОЛИ

чаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 22.05.2023 №10 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: 15 нафар

**РӮЗНОМА:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Раискунанда:** Ҳозирини гиромӣ! Дар рӯзномаи ҷаласа муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯи муассиса Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст
пешбинӣ гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азизӣ Муҳамадалӣ Миралӣ ба анҷом расидааст.

Муқарризони расмӣ Каримзода М. - доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Маҳкамов Д. – дотсент номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва Давлатшоев И. – номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ рисолаи илмиро таҳлил ва арзёбӣ намуданд.

Унвонҷӯ рисолаи илмии худро дар асоси нақшаи илмӣ-тадқиқотии шуъбаи педагогика ва психология омода намудааст.

Сухан барои ибрози мазмуни мухтасари рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ Нурматова Нигора Латифовна дода мешавад.

**Шунида шуд:** Унвонҷӯ Нурматова Н.Л. ҳозиринро бо мазмуни асосии рисолаи илмӣ шинос намуд. Дар муқаддима мубрамият, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳмияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

Боби якум **“Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат”** аз се фасл иборат аст. Онҳо ба масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти “кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология, аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат ва махсусияти таълими хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дахл доранд.

Дар ҳошияи масъалае, ки аз ҷониби мо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, масъала оид ба таносуби мафҳумҳои истеъдод ва қобилият хеле муҳим мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқон таъкид карда шудааст, ки нишонаҳои қобилият аксаран хусусияти табиӣ доранд. Дар сурати бетаваҷҷуҳӣ ва нодида гирифтани аломатҳои қобилиятнокӣ ба андешаи психологон ин қобилиятҳо рушд намекунанд, сайқал намеёбанд ва дар хулоса эҳтимоли зиёд аст, ки аз байн раванд. Ҳамин тавр мафҳумҳои истеъдод ва қобилият – моҳиятан категорияҳои гуногун мебошанд.

Ба андешаи мо, сатҳи баланди рушди қобилиятҳоро «лаёқатмандӣ» гуфтан мумкин аст. Ҳамчун хонандаи болаёқат шахсе фаҳмида мешавад, ки дар омӯзишу таълим ва дигар навъи фаъолиятҳо қобилияти аз меъёрҳои муқаррарӣ баландро нишон медиҳад. Дар ин замина бояд таъкид намуд, ки рушди қобилиятҳои ҳар кӯдак инфиродӣ буда, давра ба давра сатҳаш боло рафта метавонад ва дар баъзе ҳолатҳо метавонад паст фарояд. Ин ҳолатҳо пеш аз ҳама ба омилҳои сунну солӣ, шароити иҷтиомӣ, таъсири муҳити атроф ва таъсири бевоситаи омӯзгорон вобаста мебошад. Чун анъана дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзгорон барои гузошанти фаркият дар дараҷаи қобилиятҳои хонандагон аксаран аз сатҳи қобилияти зеҳнии хонандагон истифода мебаранд.

**Дар идома** масъали аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар

замони муосир масъалаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи муосир ба яке аз омилҳои муҳими тавсеаи рақобатпазирӣ ва ҳарчи муассир кардани нуфузи кишварҳо дар арсаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Дар ин давра маҳз давлатҳое ба комёбӣ ноил мегарданд, ки ба рушди соҳаи маориф ва инкишофи илму технологния ва ворид намудани инноватсия диққати бештар медиҳанд. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки замони ҷаҳонишавӣ таҳкими иқтидори зеҳниро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, беҳбудии иҷтимоӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилот ва дастгириии наврасону ҷавонони болаёқат вобаста мебошад.

Ҳадаф аз ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ фароҳам овардани шароит ба ташаккули донишандӯзӣ, касбомӯзӣ ва забономӯзии таълимгирандагон дар муҳити мусоиди педагогӣ мебошад. Таҳсилоти иловагӣ дар фарҳанги мо аз замонҳои хело пеш маълум буд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ-адабӣ мисолҳои зиёде овардан мумкин аст, ки ниёгони мо дар тарбия ва инкишофи кӯдак ба ғайр аз тадрис дар мадрасаҳо, инчунин барои фарзандони худ устодони дигари шахсиро барои ташаккул додани малакаҳои шиновариву тирандозӣ, аспторзиву чавгонбозӣ ва амсоли он ҷалб намуда, дарсҳои иловагӣ ташкил менамуданд.

Қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №353 «Дар бораи Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020» дар рушди таҳсилоти иловагӣ ва кор бо хонандагони болаёқат такони ҷиддие дода, дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ташкил карда шуд. Бо мақсади иҷрои нақша - чорабиниҳо оид ба татбиқи «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020» аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳо ба иҷро расидаанд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандаи болаёқат танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ғайриимкон буда, дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, барои эҷоди фазои ягонаи таълимии мусоид ҷиҳати ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат ҳамгироӣ ва ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи мубрам ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Дар рисола "Махсусияти таълими хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ" дида баромада, айни замон маълумотнокии инсон на танҳо аз рӯи донишҳои фаннӣ, балки бештар аз

рӯи рушди ӯ ҳамчун шахсияте, ки ба анъанаҳои фарҳанги милливу ҷаҳонӣ, низоми муосири авлавиятҳо, мутобиқшавии фаъолона дар ҷамъият ва интихоби мустақилона дар ҳаёт мувофиқ мебошад, арзёбӣ карда мешавад. Инсони муосир дар ҳолате комиласт, ки ҳамеша аз паи рушди худ ва баланд бардоштани сатҳи зеҳнияти худ бошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ин талаботи хонандагонро танҳо дар доираи таҳсилоти умумӣ қонеъ гардондан мумкин нест. Таълими базавӣ ба таҳсилоти иловагӣ, ки яке аз омилҳои муайянкунандаи инкишофи майлу қобилият ва манфиатҳои шахс, худмуайянкунии иҷтимоӣ ва касбии ӯ буд ва мемонад, бештар ниёз дорад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки таҳсилоти иловагӣ ба кӯдак имкони воқеии интихоби роҳи инфиродии таҳсилотро фароҳам меорад, то ин ки новобаста аз сатҳи дастовардҳои таълимӣ мувофиқи қобилиятҳои худ ба муваффақият ноил шавад. Дар таҳсилоти иловагӣ мазмун, шакли дарсҳоро худи кӯдак интихоб мекунад. Ҳамаи ин барои муваффақият шароити мусоиди психологӣ фароҳам оварда, дар навбати худ ба фаъолияти таълимӣ таъсири мусбат мерасонад.

Боби дуюм **“Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат”** ном доша, аз се фасл иборат мебошад.

Зикр бояд карда, ки масъалаи **“Асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо”** бо дарназардошти фароҳам гардидани тамоми шароити зарурӣ барои омӯхтани илму дониш дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарур буда, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим чораҳои амалӣ андешида шуда, дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ бояд фаъолона ширкат варзанд. Бо ин мақсад ҳар як падару модар масъулияти худро дар самтии таълиму тарбияи фарзандон дарк намуда, онҳоро дар баробари таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчунин барои таълими иловагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ сафарбар намоянд. Беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, всаеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва ташаккули шахсияти хонандагон вазифаи асосии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон дар баробари онҳо кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ масъулияти калон доранд.

Яке аз шаклҳои ҷолиби ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳоии таҳсилоти миёнаи умумӣ ин ташкили чорабиниҳои гуногуни фарҳангиву маърифатӣ ба шумор меравад. Тавассути ин чорабиниҳо омӯзгорони мактабҳо имкон пайдо миекунад, ки фориғ аз кори

асосии худ бо фаъолияти ҳамкорони худ аз муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ шиносӣ пайдо намоянд.

Чунин ҳамкорӣ ҳам барои омӯзгорони мактабҳо ва ҳам омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ муфид мебошад. Дар асоси ин гуна ҳамкориҳои барои ташаккул додани донишу малкаи хонанда маҳорати касбии ин омӯзгорон равона карда мешавад, ки самаранокии чараёни таълимро таъмин намуда метавонад. Махсусан ҳангоми омода намудани хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва дигар озмунҳои зеҳнӣ фаъолияти таълимии муштараки омӯзгорон баръало мушоҳида карда мешавад.

Барномаи таълимиву тарбиявии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» аксаран хусусияти муаллифӣ дошта, аз ҷониби омӯзгорони муассиса дар асоси талаботи талаботи хонандагон ва бо назардошти омӯзишу таҳлили нақшаву барномаҳои таълимии мамлакатҳои хориҷӣ тарҳрезӣ ва таҳия карда мешавад. Ҳадафи ин барномаҳои баъдимӣ пеш аз ҳама ошкор сохтани дараҷаи лаёқатмандии хонандагон, малакаву маҳорат ва таъмини рушди минбаъдаи қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ба ҳисоб меравад. Марказ дар фаъолияти таълимии худ дастовардҳои беҳтарини соҳаи педгогика ва психологияи синну солиро барои рушди қобилиятҳои зеҳнии таълимгирандагон васеъ истифода мебарад.

Дар тарҳи таълимии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» чор қисмат фарқ карда мешаванд: маърифатнокӣ, эҷодиёт, фароғати фарҳангӣ - ташаккулӣ; таҷрибаи иҷтимоӣ.

Яке аз моделҳои самарабахши ҳамкории Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ин ноҳия ва ҳамзамон яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти хонандагон, ҷалби онҳо ба илмомӯзии мустақилона, ихтироъкорию эҷодкорӣ ҳавасманднамудани онҳо барои иштирок дар даврҳои гуногуни олимпиадаҳои фаннӣ низ ба шумор меравад. Айни замон дар Ҷумҳурӣ дар муқоиса бо солҳои қаблӣ шумора ва намуди олимпиадаҳои фаннӣ зиёд гардида, сол то сол теъдоди иштирокчиёни онҳо афзуда истодаанд.

Барои самаранок гардидани таҳқиқоти илмӣ дар доираи рисолаи диссертатсионӣ муаллиф ҳолати ризоияти волидонро вобаста ба таълиму тарбияи иловагии фарзандонашон дар муассисаи давлатии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдлодҳои ноҳияи Шоҳмансур» мавриди таҳлили амиқ ва омӯзиш қарор додааст. Зеро яке аз нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва бомуваффақият будани натиҷаи таҳсилоти иловагии хонандагони болаёқат ин эътирофи корҳои анҷомдодашуда аз ҷониби волидайн ба ҳисоб меравад. Ҳар волидайн вазъи донишу маҳорат ва малкаи фарзандони худро то ба таҳсили иловагӣ фаро гирифтан ва пас аз муддати дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ таълим гирифтан қиёс намуда, хулосаҳои объективӣ баровარда

тавонанд. Бо ин мақсад меъёрҳои гуногуне мавҷуданд, ки манфиат ва самарабахш будани натиҷаи таҳсилоти иловагиро ба таври мушахаас инъикос карда метавонад.

Таҳқиқоти мо имкон дод, ки хулосаҳои зеринро таҳия ва ироа намоем:

1. Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мафҳуми назариявӣ ва системавӣ буда, як ҷузъи низоми мукаммали таълиму тарбия маҳсуб меёбанд ва дар асоси стандарти давлатии таҳсилот талаботи хонандагонро ба таҳсилоти босифат қонеъ мегардонад.

2. Ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ҳамчун низоми ягона зери таъсири мутақобила тавассути ғанигардонии мазмуни таълими якдигар амалӣ мегардад. Дар ин раванд унсури асосии он ташаккул додани фазои ягонаи таълимӣ ҳамчун муҳити низоми педагогӣ ба ҳисоб меравад. Дар умум, муассисаҳои таълимӣ низоми бутуни корӣ, низоми ягонаи педагогиро бо фарогирии зернизомҳои асосӣ (таълим, корҳои беруназсинфӣ, таҳсилоти иловагӣ) ва равандҳои тарбиявиеро, ки дар онҳо ба амал меоянд, дар бар мегирад.

3. Дар диссертатсия муайян карда шуд, ки муносибати инфиродӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини такмили методологияи таълими хонандагони болаёқат дар системаи таҳсилоти иловагӣ мебошад.

Баррасӣ ва таҳлили натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар доираи рисолаи диссертатсионӣ овардашуда вобаста ба татбиқи амалии модели таҳиягардида оид ба ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳли таҳсилоти умумӣ дар самти дарёфту рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат самаранок будани онро исбот намуд.

4. Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии модели мазкур инҳо буданд:

- инкишофи фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон;
- дараҷаи баланди ҳамкории озгорони ин муассисаҳо;
- истифодаи усулҳои муассири ташхис ва дарёфти хонандагони болаёқат;
- муайян намудану ба самти зарурӣ равона намудани қобилиятҳои зеҳнии хонандагон;
- ҳавасманднамоии хонандагони болаёқат ҷиҳати ширкат дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ;
- фароҳам овардани шароит барои ташаккули муҳити эҷодӣ-рушддиҳанда барои хонандаггони болаёқат бо иштироки волидони онҳо.

**Тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал:**

Натиҷаҳои таҳқиқот водор сохтанд, ки чунин тавсияҳоро коркард ва пешниҳод менамоем:

1. Барои ташаккули лаёқати хонандагон муҳайё намудани шароит барои истифода аз озмоишгоҳои таълимӣ дар ҳам муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам дар муаиссаҳои таҳсилои иловагӣ дар раванди омӯзиши фанҳои физика, биология ва химия (бо маводу маҳлулҳо, реактивҳои озмоишӣ таъмин намудани ин озмоишгоҳҳо) ниҳоят муҳим мебошад;

2. Бинобар сабаби ба талаботи хонандагони болаёқат мувофиқ набудани китоби дарсӣ, воситаҳои ёрирасон ва норасии он истифодаи маводҳои таълимии аз ҷониби омӯзгорони мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ муштарак таҳиягардида;

Сипас аъзоёни ҷаласа Ҷураев М., Назиров Н., Давлатшоев И., Бобоева М. саволҳои худро ба унвонҷӯй пешниҳод намуданд ва унвонҷӯй ба ин саволҳо ҷавоб дод.

Сухан ба роҳбари илмӣ Азизӣ Муҳаммадалӣ Миралӣ – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (тақриз замима мегардад).

**Сухан ба муқарризони кори диссертатсионӣ:** дар баромади худ муқарризони кори диссертатсионӣ Каримзода М. - доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Маҳкамов Д. – дотсент номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва Давлатшоев И. – номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ дар маҷмӯъ корро анҷомёфта ҳисобида, баъди анҷомиислоҳи тағйиротҳои ҷузъӣ ба ҳимоя пешниҳод намуданд (тақризҳои муқарризон замима мегардад).

Иштирокчиёни ҷаласа н.и.п. Давлатшоев И., н.и.п. Тоҳириён Ш., н.и.с. Назиров Н., ходими пешбари илм Имомназаров Д., н.и.п. Қурбонов С. ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба таҳқиқоти диссертатсионии Нурматова Н.Л. баён сохта, диссертатсияро мусбат арзёбӣ карданд.

Баъд раиси ҷаласа Лутфуллоева П. андешаҳои ироанамудаи муқарризон иштирокчиёни ҷаласаро ҷамъбаст карда, аз ҷумла қайд кард, ки мавзӯи интихобнамудаи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” хеле мавзӯи муҳим буда, ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасону ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ барои шинохт, нигаҳдошт ва рушди арзишҳои миллии тоҷикон тақозои замон мебошад. Пешниҳод мегардад, ки диссертатсия барои ташхиси давраи минбаъда ба шӯрои диссертасионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ бо дарназардошти тавсияву пешниҳоди муқарризон ва фикру мулоҳизаҳои пешниҳоднамудаи дигар иштирокчиён

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори мустақилона баанҷомрасида ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030 тавсия карда шавад.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” – 15 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои
педагогӣ, муовини директор оид ба корҳои
илмии ПРМба номи А. Ҷомии АТТ Лутфуллоева П.М.

Котиби ҷаласа, ходими пешбари илмии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Ҷонмаҳмадова Г.Ш.

Имзои Лутфуллоева П.М. ва Ҷонмаҳмадова Г.Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.С.